**Қоидаҳои Аксияи «FastTrack International»**

**Таърифҳо ва тафсири онҳо**

**Fast-track** – хизматрасонии махсус, ки ба шахс имконияти дар Фурудгоҳ бе навбатпоиҳои тӯлонӣ дар кӯтоҳтарин фурсат ва роҳати бештар гузаштани ҳамаи расмиётро фароҳам меорад.

**QR код** – коди махсуси графикӣ барои гирифтани Хизматрасонӣ, ки ба Иштирокчии Аксия дар Чат-бот мувофиқи шартҳои ҳамин Қоидаҳо пешниҳод карда мешавад.

**Фурудгоҳ** – фурудгоҳи Истамбул (IST), Туркия, фурудгоҳи Ларнака (LCA) Ҷумҳурии Кипр; Милан Малпенса (MXP) ва Милан-Бергамо (BGY), Италия; Рим-Фюмичино (FCO) ва Рим-Чампино (CIA), Италия; Барселона, Испания (BCN); Гран-Канария (LPA), Палма (PMI), Аликанте (ALC), Валенсия (VLC), Малага (AGP), Испания ва дигар фурудгоҳҳое, ки рӯйхати пурраи онҳо дар чат-бот ҳаст.

**Аксия** – промоаксияи «FastTrack International».

**Бонк** – шахси ҳуқуқӣ, ки дар асоси иҷозатномаи дахлдори бонкӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳудуди Украина, Гурҷистон, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ё Ҷумҳурии Молдова ҳуқуқи истисноӣ дорад.

**Дастгоҳи верификатсионӣ** – воситаи махсуси техникӣ дар Фурудгоҳ, ки имконияти хондани QR-кодро барои пешниҳоди Хизматрасонӣ ба Иштирокчии Аксия мувофиқи шартҳои ҳамин Қоидаҳо фароҳам меорад.

**Фармоишгар** – «Виза Интернешнл Сервис Ассосиейшн», ки дар адреси зерин ҷойгир шудааст: ИМА, CA 94404 – 2775, ш. Фостер-Сити, гулгашти Метро Сентер, 900.

**Кортҳо** – кортҳои пардохтии Visa Platinum, Visa Signature ва Visa Infinite, Visa Platinum Business, Visa Signature Business, ки аз тарафи Бонк эмитатсия шуда, ба Иштирокчии Аксия барои иштирок дар Аксия ҳуқуқ медиҳанд.

**Мессенҷер** – замима барои мубодилаи паёмҳои фаврӣ ва видео, аз ҷумла Viber, Telegram.

**Ташкилкунанда** – ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ «ИНФОКУС», коди мушаххаси шахси ҳуқуқӣ: 36563986, макони ҷойгиршавӣ: Украина, 01023, ш. Киев, майдони Спортивная, хонаи 1. А.

**Шарик** – ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ «РЕНОВАЦИО», коди мушаххаси шахси ҳуқуқӣ: 38876589, макони ҷойгиршавӣ: Украина, 61099, ш. Харков, к. Енакиевская, х. 11-А.

**Хизматрасонӣ** – хизматрасонӣ дар категорияи Fast-track (барои парвоз карда омадан ва парвоз карда рафтан), ки ба Иштирокчиён дар Фурудгоҳ пешниҳод карда мешавад. Чунин хизматрасонӣ ба Иштирокчии Аксия туҳфа аст.

**Қоидаҳо** – ҳамин қоидаҳои Аксия.

**Муҳлати амали Аксия** – аз соати 00:00:01 09.07.2021 то соати 23:59:59 30.09.2024.

**Иштирокчиёни Аксия** – шахсони воқеӣ, дорандагони Кортҳо, ки барои иштирок дар

Аксия мувофиқи муқаррароти ҳамин Қоидаҳо ҳуқуқ доранд. Хизматрасонӣ барои ҳамаи иштирокчиён баробар аст. Дар ин ҳолат фарқ танҳо дар он дида мешавад, ки дорандагони Кортҳо кадом намуди кортҳоро дар даст доранд.

**Чат-бот** – чат-боти “Visa Ukraine” ва “Visa Concierge”, ки бо истиноди https://mssg.me/service_concierge ё https://mssg.me/concierge__service дастрас буда, дар Мессенҷерҳо мавҷуд аст.

## 1. **Тартиби дар Аксия иштирок кардани Иштирокчиёни Аксия**

**1.1.** Барои ҳадафҳои иштирок дар Аксия, шахсе, ки хоҳиши дар Аксия иштирок кардан ва Иштирокчии Аксия шудан дорад, бояд дар вақти Муҳлати амали Аксия амалҳои зеринро иҷро кунад:

**1.1.1.** дорандаи амалкунандаи Корт бошад;

**1.1.2.** дар Чат-бот мувофиқи механикаи дохилии бақайдгирӣ, ки дар Чат-бот мавҷуд аст, аз қайд гузарад ё аз қайд гузашта бошад;

**1.1.3.** ба тугмаи «FastTrack International» дар менюи асосии Чат-бот зер кунад;

**1.1.4.** бо маълумотҳо дар бораи Аксия ва ҳамин Қоидаҳо ҳангоми зер кардани тугмаи «FastTrack International» дар менюи асосии Чат-бот шинос шавад;

**1.1.5.** аз санҷиши дастрас будани хизматрасонӣ гузашта, кишвар ва фурудгоҳро интихоб намояд;

**1.1.6.** ба тугмаи «гирифтани ваучер/get a voucher» зер кунад;

**1.1.7.** яке аз намудҳои пешниҳодшудаи парвозро интихоб намояд: Domestic Departure, International Departure ё International Arrival;

**1.1.8.** дар Чат-бот рақам, сана ва вақти рафтани рейс, ному насаб (мувофиқи билет), рақами телефон ва адреси почтаи электрониро пешниҳод кунад.

**1.2.** Дар ҳолати иҷрои бомуваффақияти амалҳое, ки дар бандҳои 1.1.1. – 1.1.8. ҳамин Қоидаҳо дарҷ шудаанд, шахс Иштирокчии Аксия мешавад ва дар Чат-бот файл бо QR-кодро мегирад.

**1.3.** Ҳамин Қоидаҳо ҳуҷҷати асосӣ дар муносибатҳои расмии дутарафа дар байни Иштирокчии Аксия ва Ташкилкунанда/Фармоишгар/Шарик мебошанд. Аксепти муқаррароти ҳамин Қоидаҳо аз тарафи Иштирокчии Аксия бо роҳи аз тарафи ӯ паиҳам иҷро кардани амалҳое, ки дар бандҳои 1.1.1. – 1.1.8. ҳамин Қоидаҳо дарҷ шудаанд, сурат мегирад.

**1.4.** Анҷом додани аксепт аз тарафи Иштирокчии Аксия ихтиёрӣ сурат гирифта, аз бастани шартномаи хаттӣ мувофиқи шартҳои ҳамин Қоидаҳо иборат аст.

**1.5.** Аксепти нопурраи Қоидаҳо иҷозат дода намешавад.

**1.6.** Корт бояд дар тамоми муҳлати амали авиабилет амалкунанда бошад.

## 2. **Хусусиятҳои истифодаи QR-код**

**2.1.** Хизматрасониро дар ҳамагуна вақт дар давоми сол фармоиш додан мумкин аст. QR-код дар санаи фармоиши хизматрасонӣ амал мекунад, вале рейси дар бандҳои 1.1.7. ва 1.1.8. дарҷшударо истифода мебарад.

**2.2.** QR-код ба Иштирокчиёни Аксия бо назардошти лимитҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

**2.2.1.** барои Иштирокчиёни Аксия дорандагони Кортҳои намуди Visa Platinum, Visa Platinum Business дар давоми Муҳлати амали Аксия на зиёда аз 2 (ду) QR-код пешниҳод карда мешавад;

**2.2.2.** барои Иштирокчиёни Аксия дорандагони Кортҳои намуди Visa Signature, Visa Signature Business дар давоми Муҳлати амали Аксия на зиёда аз 10 (даҳ) QR-код пешниҳод карда мешавад;

**2.2.3.** барои Иштирокчиёни Аксия дорандагони Кортҳои намуди Visa Infinite, Visa Infinite Business дар давоми Муҳлати амали Аксия QR-кодҳо ба миқдоре, ки ба Иштирокчии Аксия дорандаи Корти намуди Visa Infinite зарур аст, пешниҳод карда мешавад.

**2.3.** QR-кодро танҳо Иштирокчии Аксия бо ҳадафҳои шахсӣ истифода бурда, ба шахсони сеюм дода метавонад.

**2.4.** QR-коди дар давоми Муҳлати амали Аксия истифоданашуда ба дигар муҳлат гузаронда намешавад, захира намешавад, илова намешавад ва барои он ҷуброни пулӣ ё дигар ҷуброн дода намешавад.

**2.5.** Дар файл бо QR-код функсияи «тугмаҳои аксуламали фаврӣ» барои алоқа бо дастгирии техникии Шарик дар ҳолати пайдо шудани мушкилиҳо бо QR-код ҳаст.

3. **Масъулияти Тарафҳо**

**3.1.** Иштирокчии Аксия барои дурустии маълумотҳои пешниҳодшуда ва ҳуқуқи истифодаи Корт мувофиқи қонунгузории амалкунанда масъул аст.

**3.2.** Андозҳо, боҷҳо ва пардохтҳои ҳатмиро ҳамон шахсе, ки уҳдадории дахлдор мувофиқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда ба зиммаи ӯ гузошта шудааст, мепардозад.

**3.3.** Фармоишгар/Шарик/Ташкилкунанда барои аз QR-код бо сабабҳои ба онҳо вобастанабуда истифода бурда натавонистани Иштирокчии Аксия масъул нестанд, аз ҷумла, вале на махсусан, ба сабаби вайрон шудани Дастгоҳи верификатсионӣ, бекор кардан, ба вақти дигар гузоштан ё таъхири рейс, тағирот дар кори Фурудгоҳ, аз тарафи Иштирокчии Аксия вайрон шудани муқаррароти қонунгузории амалкунанда ва ғайра.

4. **Коркарди маълумотҳои шахсӣ**

**4.1.** Дар доираи Аксия, Иштирокчии Аксия ба хотири иҷрои шартномае, ки мувофиқи шартҳои ҳамин Қоидаҳо баста шуда, барои коркарди маълумотҳои шахсии ӯ асоси алоҳида ба шумор меравад, ба Ташкилкунанда маълумотҳои шахсии зеринро пешниҳод мекунад: насаб, ном, номи падар, ки бо забони англисӣ баён шудаанд, рақами телефон ва адреси почтаи электронӣ. Ҳамин қоидаҳои коркарди маълумотҳо як қисми қоидаҳои коркарди маълумотҳои дар Чат-бот мавҷудбуда мебошанд.

**4.2.** Маълумотҳои шахсии дар банди 4.1 дарҷшуда дар давоми Муҳлати амали Аксия бо мақсади татбиқи ҳуқуқи Иштирокчии Аксия барои иштирок дар Аксия коркард мешаванд. Чунин маълумотҳои шахсӣ бо мақсади иҷрои шартҳои ҳамин Қоидаҳо ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳод карда мешаванд (ба серверҳои хориҷии Ташкилкунанда ва Шарик). Ташкилкунанда соҳиб ва идоракунандаи чунин маълумотҳои шахсӣ аст. Шарик сиёсати шахсии кор бо маълумотҳои шахсӣ дорад, вале дар ҳамагуна ҳолат чунин маълумотҳоро

бар хилофи ҳамин Қоидаҳо коркард кардан мумкин нест. Бо сиёсати коркарди маълумотҳои шахсии Шарик Иштирокчии Аксия бо веб-истиноди зерин шинос шуда метавонад: https://highpass.aero/Home/PrivacyPolicy

**4.3.** Амалҳоеро, ки дар банди 1.1. Қоидаҳо дарҷ шудаанд, иҷро карда, Иштирокчии Аксия ба тартиби дарҷшудаи коркарди маълумотҳои шахсии худ розигӣ медиҳад, инчунин тасдиқ мекунад, ки бо ҳамаи ҳуқуқҳое, ки бо қонунгузории амалкунанда ба ӯ дода шудаанд, шинос шуд.

5. **Муқаррароти дигар**

**5.1.** Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад, ки шахсони сеюмро барои иҷрои уҳдадориҳо дар доираи ҳамин Қоидаҳои Аксия ба кор ҷалб намояд.

**5.2.** Дар ҳолати ба вуҷуд омадани вазъияте, ки тафсири гуногунмаънои ҳамин Қоидаҳо, ҳамагуна масъалаҳои баҳсӣ ва/ё масъалаҳои бо Қоидаҳо танзимнашударо иҷозат медиҳад, ҳалли чунин масъалаҳоро Ташкилкунанда/Фармоишгари Аксия ба зимма мегирад. Чунин қарори Ташкилкунанда/Фармоишгари Аксия ниҳоӣ буда, шикоятшаванда нест.

**5.3.** Бо розигии дутарафаи Фармоишгар ва Ташкилкунанда Муҳлати амали Аксияро тағир додан ё Аксияро пеш аз муҳлат ба охир расондан мумкин аст. Тағири Муҳлати амали Аксия ё пеш аз муҳлат ба охир расондани он дар ҳолати дар Чат-бот эълон кардан имконпазир аст.

**5.4.** Ҳамин Қоидаҳо ва тағирот ба онҳо барои шиносшавӣ дар Чат-бот ҷойгир карда шудаанд.

**5.5.** Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад, ки ба Қоидаҳои амалкунанда дар давоми Муҳлати Аксия тағирот ворид намояд.